## Фалсафаи Чини қадим

Дар инкишофи фалсафаи Чини қадим ду марҳилаи асосиро нишон медиҳанд: 1. марҳилаи пайдоиши андешаҳои фалсафӣ, ки асрҳои VIII-VI п.а.м-ро дар бар мегирад ва 2. марҳилаи нашъунамои андешаҳои фалсафӣ, ки мутаалиқ ба асрҳои VI-III п.а.м. мебошад ва «давраи тиллоии фалсафаи Чин» номида мешава.

Маҳз ба марҳилаи дуюм ташкили мактабҳои фалсафии чинӣ, аз қабили *конфутсия, даосизм, моизм, легизм* рост меояд. Ин мактабҳо ба инкишофи минбаъдаи андешаҳои фалсафӣ дар Чин нақши босазое гузоштаанд. Дар ҳамин давра масъалаҳо, мафҳумҳо ва категорияҳое ба вуҷуд меоянд, ки баъдан барои таърихи фалсафаи чинӣ то замони мо масъалаҳои анъанавӣ мегарданд.

**Конфутсия.** Асосгузори фалсафаи Чини қадим Кун-фу-сзӣ (Конфутсия), ки солҳои 551-479 п.а.м. зиндагӣ кардааст, ба ҳисоб меравад. Ӯ мактабро бунёд намуд ва шогирдони зиёде дошт, ки андешаҳои устоди худро рӯи коғаз менавиштанд. Ҳамин тариқ эҷодиёти асосии конфутсионӣ «Луеь юй» («Сӯҳбатҳо ва гуфторҳо») ба вуҷуд омад. Ин асар дорои сохтори ягона набуда, бештар аз андешаҳои мутаззод иборат буда, чун маҷмӯъи панду насиҳат ба шумор меравад.

Масъалаҳои асосии таълимоти Конфутсия ин табиати ахлоқии инсон, ҳаёти давлат, оила, усулҳои идоракунӣ ва аз қабили ҳамин масъалаҳо мебошанд.

Мақоми марказиро дар таълимоти Конфутсия категорияи **ли** «оин», «дастур», «қонун» ишғол мекунад. Ба андешаи ӯ **ли** муқарароти анъанавӣ ва меъёрҳои ахлоқиро муттаҳид месозад. Ба шогирдони худ таълим медод: «Бе риояи ли ба чизе нигоҳ накунед, чизеро нашунавед: бе риояи ли чизе нагӯед ва кореро анҷом надиҳед».

Ҳамаи умр Конфутсия оиди эҳёи муносибатҳои комили «асри тиллоӣ» орзу мекард. Барқарор намудани тартиботи пештараро ӯ дар ду роҳ медид: 1) «ислоҳи номҳо» ва 2) худкомилсозии ахлоқӣ. Аз нуқтаи назари Конфутсия «ислоҳи номҳо» чунин маъно дошт, ки тартиботи мавҷудаи ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсиро бо меъёрҳои

анъанавӣ мувофиқ кунонидан, барқарор намудани муносибатҳо байни мардум, пеш аз ҳама байни табақаҳои болоӣ ва поёнӣ.

Тезис оиди «ислоҳи номҳо» бо ақидаи худкомилсозии шахс алоқаи ногусастанӣ дошта, дар бунёди он мафҳуми **жэн-** «инсондустдорӣ», маҷмӯи қоидаҳои рафтори инсони идеалӣ меистад. Мазмуни ин мафҳумро шарҳ дода Конфутсия боре гуфа буд: «Одамият-яъне он чизе ки ба худ намеписандӣ ба дигарон низマписанд». Мақсади олии худтакмилдиҳӣ ва ноилшавӣ ба жэн дар чунин формулаи Конфутсия баён ёфтааст: «Бар худ ғолиб омадан ва қонунро барқарор кардан».

Арзишҳои маънавии гузаштаро ба даст овардан ба андешаи Конфутсия, ба инсон имконият медиҳад, ки «амри Осмонро» хуб дарк кунад. Зеро «ҳаёт ва марг аз қисмат вобастааст, аммо бойгарӣ ва дониш ба Осмон тааллуқ доранд». Таълимоти конфутсионӣ оиди дониш ба масъалаҳои иҷтимоӣ тобеъ аст. Барои Конфутсия дониш ин донистани мардум аст, аммо дониш оиди табиат барои ӯ муҳим нест.

**Даосизм.** Асосгузори даосизм Лао-сзы (асрҳоиVI-V п.а.м.), мебошад, ки дорои шогирдон ва пайравони зиёде буд. Таълимоти ин донишманд аввал ба таври шифоҳӣ ва баъдтар дар китоби «Дао дэ сзин» иншо гардид. Дар тафовут аз таълимоти конфутсионӣ ва дигарон, ки ба масъалаҳои ҳастӣ таваҷҷӯҳ зоҳир накарда, фақат масъалаҳои инсон ва ҷамъияти инсониро баррасӣ менамуданд, даосизм ба таври ҷиддӣ масъалаҳои ҳастӣ, нестӣ, барқароршавӣ, ягонагӣ ва ғ.-ро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ақидаи асосии фалсафии «Дао дэ сзин», дар он асос меёбад, ки гуногунии олам ва ҳаёти мардум на аз тарафи «иродаи осмон», на аз тарафи рӯҳҳо, балки бо роҳи ягонаи табиӣ –дао ҳаракат мекунад. Дао ҳамчун асос ва қонуни ҳамаи мавҷудот ҳисобида мешавад. Ӯ бо ёрии қувваҳои ҳисси мо дарк намешавад. Дар «Дао дэ сзин» гуфта мешавад: «Ба ӯ нигоҳ мекунам, аммо ӯро намебинам, барои ҳамин ӯро нопадид мегӯям. Ӯро гӯш мекунам, аммо намешунавам, барои ҳамин ӯро бесадо меномам. Кӯшиш мекунам, ки онро даст кунам, аммо дастам ба он намерасад, барои ҳамин ӯро хурди хурд меномам». Ба қонунҳои дао ҳамаи ашё ва мавҷудот тобеъ мебошанд. «Одам пайравии Замин мекунад, Замин пайравии Осмон. Осмон аз пайи дао меравад, дао бошад пайрави табиӣ мекунад».